Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-005 назди Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33)

**Тақризи**

**муқарризи расмӣ, номзади илмҳои сотсиологӣ Назирова Марҳамат Назаровна ба диссертатсияи Муҳаммадқодири Наҷмуддин дар мавзуи "Масъалаҳои таҳсилоти динӣ дар давлати дунявӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сотсиологӣ аз рӯйи ихтисоси 22.00.04 – Сохтори иҷтимоӣ, ниҳодҳо ва равандҳои иҷтимоӣ**

**Мубрамияти мавзуи диссертатсия.** Рисолаи илмии тақризшавандаи унвонҷӯй Муҳаммадқодири Наҷмуддин ба яке аз масъалаҳои муҳимми иҷтимоии ҷомеаи муосири Тоҷикистон – таҳсилоти динӣ бахшида шудааст. Тоҷикистон давлати дунявӣ мебошад ва ҳокимияти ҷамъиятию сиёсии кишварамон низ дар асоси принсипҳои дунявият ташкил карда шудааст. Аз ин сабаб, дар шароити кунунӣ таҳқиқу баррасии таҳсилоти динӣ, муносибати мувофиқи дин ва давлат, ҷустуҷӯйи шаклҳои алоқамандӣ ва ба ҳам таъсиррасонии таҳсилоти динӣ ва дунявӣ аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дорад.

Таҳсилоти динӣ як бахши раванди иҷтимоии шахс буда, барои аз як насл ба насли дигар гузаштани меъёрҳо ва арзишҳои динӣ мусоидат менамояд. Пас аз соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсири ташкилотҳои динӣ ба ҳаёти иҷтимоӣ-фарҳангии ҷомеа афзуда,

дар фазои динии ҳаёти ҷамъиятӣ амсилаҳои гуногуни таҳсилоти динӣ бавуҷуд омаданд, ки иҷтимоишавии динии шаҳрвандон, махсусан, наврасону ҷавононро ба амал мебароварданд. Ташаккул додани сатҳу сифати таҳсилоти расмии динӣ барои пешгирии экстремизми динӣ дар ҷомеа мусоидат менамояд.

Аз ин рӯ, диссертатсияи Муҳаммадқодири Наҷмуддин дар ин самт қадами устувор буда, дорои аҳаммияти илмию амалӣ мебошад. Довталаби дараҷаи илмӣ зимни истифодаи асарҳои зиёди илмию таҳқиқотии олимони ватанию хориҷӣ ва тасвияти хулосаҳои худ кӯшиш ба харҷ додааст, ки вазъи таҳсилоти динӣ дар Тоҷикистон, аҳаммият ва дурнамои рушди онро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор диҳад.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Мақсади довталаби дараҷаи илмӣ аз навиштани ин диссертатсия муайян ва таҳлил намудани масъалаҳои таҳсилоти динӣ ва хусусиятҳои раванди иҷтимоишавии динӣ дар давлати дунявии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Муаллифи диссертатсия барои расидан ба ин мақсади худ масъалаҳои таҳсилоти динӣ дар давлати дунявӣ, шаклҳои нави алоқамандии давлати дунявӣ ва ҷомеаи динӣ, асосҳои меъёрӣ-ҳуқуқии таҳсилоти динӣ дар давлати дунявии Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазъи таҳсилоти динӣ ва дурнамои он дар шароити муосири ҷомеаи Тоҷикистон ва дигар масъалаҳои ба таҳсилотидинӣ алоқамандро таҳқиқ намудааст.

Муҳаққиқ бо далелҳои муътамад собит менамояд, ки дунявияти давлат маънои рад намудан ва аз ҳаёти иҷтимоӣ берун кардани динро надошта, балки дар асоси қонунҳои амалкунанда робита ва ҳамкории давлат ва иттиҳодияҳои диниро ба роҳмондан аст. Дар давлати дунявӣ ягон дин новобаста аз шумораи тарафдоронаш дини давлатӣ ё расмӣ эътироф намегардад, баробарҳуқуқии ҳамаи шаҳрвандон новобаста аз муносибат ба дин таъмин карда шуда, барои фаъолияти озодӣ ҳамаи

иттиҳодияҳои динӣ ва субъектҳои динӣ шароити мусоид фароҳам оварда мешавад.

Муаллиф таҳсилоти расмии диниро аз таҳсилоти ғайрирасмии динӣ ҷудо намуда, қайд менамояд, ки таҳсилоти расмии динӣ имконият медиҳад, ки муҳассилин фанҳои дунявии муосирро низ омӯзанд. Омӯзиши илмҳои дунявӣ боиси ташаккулёбии шахсияти рӯҳониёни динӣ мегардад ва алоқамандии байни низоми таҳсилоти динӣ ва дунявӣ бештар мешавад. Дар натиҷа, рӯҳониёни динӣ ҳангоми шарҳ додани зуҳуроти динӣ ба донишҳои илмӣ ва мантиқ такя карда, масъалаҳои диниро равшану фаҳмо шарҳ дода метавонанд. Довталаби дараҷаи илмӣ хеле ҳам хуб аз уҳдаи иҷрои вазифаҳои дар наздаш гузошта баромадааст ва объекту предмети таҳқиқотро дақиқ муайян намудааст.

**Навгонии илмии таҳқиқоти** мазкурро диссертант ба таври мушаххас муайян намудааст, ки ҳамаи онҳо аз диди илмӣ асоснок карда шудаанд. Аз ҷумла:

1. Масъалаҳои таҳсилоти динӣ вобаста ба равишҳои мухталифи илмӣ, назарияҳои сотсиологӣ ва фарҳанги миллӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шуд. Аввалин маротиба бо равиши сотсиологӣ масъалаҳои таҳсилоти динӣ дар таълимоти сотсиологии классикони илми сотсиология таҳқиқ гардиданд.

2. Дар асоси омӯзиши маводи илмӣ-таҳқиқотӣ таҳаввулоти таърихии ҳамбастагӣ ва таъсири мутақобилаи дин ва дунявият бо далелҳои муътамад таҳқиқ гардидааст. Хусусиятҳои заминаҳои меъёрӣ-ҳуқуқии таҳсилоти динии шаҳрвандон баррасӣ шуда, шароитҳои ҳуқуқии рушди таҳсилоти динӣ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон нишон дода шуданд.

3. Аввалин маротиба масъалаҳои таҳсилоти динии Тоҷикистон бо далелҳои возеҳ баррасӣ гардида, вазъи кунунӣ, машкилот ва дурнамои рушди таҳсилоти динӣ дар давлати дунявии Тоҷикистон мавриди

таҳлили амиқи илмӣ қарор гирифтанд. Собит карда шудааст, ки маҳз таҳсилоти босифати динии расмӣ ва давлатӣ ҷаҳонбинии солими динии шаҳрвандонро ташаккул медиҳад.

4. Аз таҳлили натиҷаҳои тадқиқоти сотсиологӣ маълум гардидааст, ки аҳолӣ ба дин ва масъалаҳои таҳсилоти динӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамоянд. Муайян карда шудааст, ки рушди таҳсилоти динӣ ва диншиносии илмӣ дар Тоҷикистон омили муҳими пешгирии ифротгароии динӣ ба ҳисоб мераванд.

Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия ба дастомада мушаххас ва асоснок буда, нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд, моҳияти диссертатсияи довталаби дараҷаи илмиро ифода менамоянд.

**Сохтор ва мазмуни мухтасари диссертатсия**. Диссертатсияи Муҳаммадқодири Наҷмуддин аз муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёт ва сарчашмаҳои илмии истифодашуда иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия 201 саҳифаро дар бар мегирад. Дар муқаддима мубраммияти мавзуъ, сатҳи омӯзиши масъала, ҳадаф ва вазифаҳо, объекти мавзуъ, асосҳои назариявию методологӣ, аҳаммияти назариявию амалии таҳқиқот ва нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳод шаванда оварда шудаанд.

Боби якум "**Асосҳои назариявӣ-методологии омӯзиши масъалаҳои таҳсилоти динӣ дар давлати дунявӣ**" ном дорад ва аз се параграф иборат мебошад, ки дар масъалаҳои динӣ дар ҷомеаи муосир, шаклҳои нави алоқамандии давлати дунявӣ ва ҷомеаи динӣ ва асосҳои меъёрии ҳуқуқии таҳсилоти динӣ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор дода шудааст.

Боби дуюм "**Хусусиятҳо ва тамоюлҳои таҳсилоти динӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**" ном дошта, сабабҳои мушкилоту мураккабиҳои дар ин самт

ҷойдошта ва роҳу воситаҳои ҳалли онҳо мавриди таҳқиқ ва хулосабарорӣ қарор гирифтаанд.

Мазмуну муҳтавои диссертатсия бо мундариҷаи он мувофиқати комил дорад ва мантиқан ба ҳам алоқаманд буда, бобу зербобҳо аз ҷиҳати илмию услубӣ якдигаро пурра менамоянд. Довталаб масъалаҳои ба миёнгузоштаро пайдарҳам баррасӣ намуда, дар ин асос хулосаҳои дуруст баровардааст.

Яке аз муваффақиятҳои бузурги муаллиф дар таҳқиқи ин масъала аз он иборат аст, ки натиҷаҳои тадқиқотҳои сотсиологие, ки ба масъалаҳои таҳсилоти динӣ ва ифротгароии динӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудаанд ва худи муҳаққиқ дар гузарондан ва таҳлили натиҷаҳои онҳо бевосита иштирок намудааст, баррасӣ гардидаанд. Диссертант дар асоси натиҷаҳои тадқиқотҳои сотсиологӣ барои ташаккул додани низоми таҳсилоти динӣ ва бартараф намудани ифротгароии динӣ як қатор тавсияҳои асоснокро пешниҳод менамояд.

Дар хулосаи диссертатсия фишурдаи тамоми масъалаҳои дар бобҳо ва параграфҳо таҳқиқшаванда ба таври мухтасар инъикос гардидааст. Хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда асоснок ва эътимоднок буда, натиҷаҳои диссертатсия аҳамиятиилмӣ, амалӣ ва иҷтимоӣ доранд, инчунин истифодаи онҳо дар амалия нишон дода шудаанд. Диссертатсияи мазкур таҳқиқоти илмӣ дар соҳаи сотсиология маҳсуб ёфта, ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, ба ихтисоси 22.00.04 – Сохтори иҷтимоӣ, ниҳодҳо ва равандҳои иҷтимоӣ мувофиқат мекунад.

Диссертатсия, бешубҳа, таҳқиқоти мустақил ва бaанҷомрасидаи илмӣ буда, дар сатҳи хуби идеявию назариявӣ навишта шудааст. Дар диссертатсия як қатор нуктаҳо ва тавсияву хулосаҳое ҷой доранд, ки онҳоро ҳамчун саҳми шахсии муаллиф дар таҳқиқи таҳсилоти динӣ арзёбӣ кардан мумкин аст. Андешаҳои муаллиф бо сарчашмаю таҳқиқотҳои илмӣ, таҳлил ва хулосабарориҳо асос ёфтааст. Автореферат

ва мақолаҳои интишор намудаи довталаби дараҷаи илмӣ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро ба пуррагӣ инъикос менамоянд.

Ҳамзамон бояд таъкид кард, ки бо вуҷуди сифатҳои мусбие, ки оиди онҳо сухан рафт, диссертатсия аз як қатор камбудиҳо орӣ нест:

1. Ҳарчанд омилҳои иҷтимоии ба таҳсилоти динӣ таъсиррасонанда дар Тоҷикистон амиқ таҳлил гардидааст, аммо дар таҳқиқоти сотсиологие, ки вобаста ба мавзуъ гузаронида шудааст, назару ақидаҳои намояндагони гурӯҳҳои гуногуни динӣ, муассисаҳои таълимӣ ва мақомоти давлатӣ нисбат ба таҳсилоти динӣ баррасӣ нагардидаанд.

2. Қисми назариявии кори диссертатсионӣ бисёр хуб таҳлил карда шудааст, аммо дар зербоби аввали боби якум андешаҳои худи муаллиф хулосабандӣ нагардидаанд.

3. Забони илмии диссертатсия хело хуб аст, аммо дар матни чопии он баъзе аз ғалатҳои имлоӣ ва услубӣ роҳ ёфтаанд, ки ислоҳи он ба манфиати кор мебошад.

Бо вуҷуди ин, эродҳои мазкур аҳаммияти назариявию амалии диссертатсияи ба ҳимоя пешниҳодшударо кам намекунанд ва довталаби дараҷаи илмӣ ба мақсади дар кори таҳқиқотии худ гузошташуда ноил гардидааст.

**Мувофиқати диссертатсия ба меъёрҳои муқарраргардида**

Дар маҷмӯъ кори диссертатсионӣ асоси илмию тахассусӣ дошта, дорои навовариҳои илмӣ ва натиҷаҳои эътимоднок мебошад. Маводҳои илмии нашргардидаи муаллиф мазмуни асосии кори диссертатсиониро инъикос менамояд ва аз ҷиҳати мазмун ва моҳияташ ба талабот ҷавобгӯ мебошад.

Мақолаҳои илмии нашрнамудаи унвонҷӯ (11 мақола) аз ҷумла, 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф шудаанд, муҳтавои диссертатсияро ифода менамоянд.

Ҳамин тариқ, барасмиятдарории диссертатсияи Муҳаммадқодири Наҷмуддин дар мавзуи “Масъалаҳои таҳсилоти динӣ дар давлати дунявӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)” ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба диссертатсияҳои номзадӣ ва бандҳои 31-33-и Низомномаи тартиб додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат мекунад ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сотсиологӣ аз рӯйи ихтисоси 22.00.04 – Сохтори иҷтимоӣ, ниҳодҳо ва равандҳои иҷтимоӣ мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**

Назирова Марҳамат Назаровна – номзади
илмҳои сотсиологӣ, муовини сардори
Раёсати таҳлили масъалаҳои иҷтимоии
Маркази тадқиқоти стратегии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ____________

**Суроға:**

Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734025,Ҷумҳурии Тоҷикистон, “16” 02 2024
ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 89
Тел.:(+992) 918-42-91-84

Имзои М.Н.Назироваро тасдиқ
менамоям, сардоришуъбаи кадрҳо,
корҳои махсус ва умумии
МТС назди Президенти ҶТ Шодиева З.